Alisher Navoiy nomidagi
O'zbekiston Milliy
kutubxonasi
Navoiy ko'chasi, 1-uy

20___
A
Alisher Navoiy
nomidagi
O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

21 марти соли 2020. Шанбе

№ 25 (14624)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МУБОРАКБОДИИ НАВРӮЗӢ БА ХАЛҚИ ӮЗБЕКИСТОН

Ҳамватанони азиз!

Падарон ва модарони муҳтарам, хоҳарони меҳрубон, додару бародарони қадрдон!

Ҳамаи шумо, тамоми мардуми сермиллати Ӯзбекистонро аз тахти дил бо ҷашни зебои Наврӯз табрику муборакбод намуда, ба шумо эҳтироми амиқ ва орзуву омоли гарму самимии худро изҳор медорам.

Дӯстони муҳтарам!

Ҳамаи мо хуб медонем, ки **фалсафаи қадимии Наврӯз, мазмуну моҳияти он, пеш аз ҳама, ҳифзи сулҳу салоҳ ва муносибати эҳтиёткоронаро нисбат ба саломатии инсон дар бар мегирад.**

**Агар дар ҷомеа оромиву осудагӣ ҳифз, саломатии мардум таъмин карда шавад, чунин ҷомеа, бидуни шубҳа, ба ҳадафҳои худ муваффақ мегардад.** Вале, мутаассифона, дар даврони кунунии ҷаҳонишавӣ иҷрои ин вазифа торафт мураккаб мешавад.

Беҳуда нест, ки халқ фармудааст: «Сол ба сол намемонад». Роҳи ҳаёт ҳамеша ҳамвор нест, он бидуни санҷишу душвориҳо тай намешавад.

Ҳоло мо ин ҳақиқатро беш аз пеш амиқ идрок менамоем. Мо бо таҳдиди ҷиддӣ, инфексияи коронавирус рӯ ба рӯ омадем. Давлат ва ҳукумат барои ҳарчи зудтар аз байн бурдани он тамоми чораҳоро меандешанд.

Муътақидам, ки тамоми шаҳрвандони мо, новобаста аз миллат, забон, эътиқодашон боз бештар муттаҳид мешаванд, оромиву осудагиро нигоҳ медоранд, иродаи мустаҳкам, ҷаҳонбинӣ ва масъулияти баланд зоҳир намуда, ин душвориро паси сар менамоянд.

Бо назардошти вазъияти бамиёномада соли равон мо баргузории чорабиниҳои оммавиро дар рӯзҳои Наврӯз боздоштем.



Аз фурсат истифода бурда, бори дигар ба халқамон барои он ки вазъи мураккаби кунуниро дуруст дарк карда, чораҳои қабулшударо дастгирӣ мекунад, миннатдорӣ баён менамоям.

Умедворам, ки дар фурсатҳои наздик ин рӯзҳои серташвиш мегузаранд. Ва мо якҷо бо халқамон ҳоло бисёр ҷашнҳоро таҷлил мекунем, сайрҳои зиёд, тантанаҳои бузурги мардумиро баргузор менамоем.

Ҳамватанони муҳтарам!

Бо вуҷуди душвориҳои бамиёномада, ҳаёт идома дорад. Имсол мо ҷашни Наврӯзро дар хонаҳои худ, дар муҳити оила истиқбол мегирем.

Ҳоли ҳозир деҳқонону фермерони моҳири мамлакат бо орзуҳои бузург ба кишту кор оғоз намуданд. Дар тамоми минтақаҳо, дар ҳама гӯшаҳо миллионҳо бех ниҳолҳои дарахтон нишонда мешаванд, боғҳои нав барпо мегарданд, **то ки кишварамон беш аз пеш зебо шавад**.

Дар ин рӯзи хурсандӣ ҳамаи мо ба деҳқонони меҳнатдӯстамон таманно мекунем: бигузор соли равон барои онҳо соли серҳосилу бомуваффақият гардад.

Мардумони кишварҳои хориҷи наздику дур, тамоми дӯстон ва шарикони Ӯзбекистонро бо фарорасии соли нав бинобар тақвими шарқӣ – ҷашни Наврӯз муборакбод менамоем, ба онҳо орзуву омолҳои беҳтарини худро изҳор мекунем.

Ҳамватанони азиз!

Бигузор, тамоми орзуву саъю кӯшишҳои неки мо амалӣ шаванд!

Бигузор, дар кишварамон сулҳу салоҳ ҳукмрон бошад, ҳаёти халқамон фаровон гардад!

Бигузор, Худованд моро дар паноҳи худ нигоҳ дорад!

Наврӯзатон муборак бод, азизони ман!

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

Ба муносибати ҷашни Наврӯз ба унвони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев аз номи роҳбарони давлат ва ҳукуматҳои хориҷӣ табрикоти самимӣ мерасанд.

### Ба Ҷаноби олӣ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Табрикоти самимии маро ба муносибати ҷашни баҳорӣ – Наврӯз қабул намоед.

Бигузор, ҷашни Наврӯз, ки рамзи сулҳу салоҳ мебошад, ба халқҳои бародари мо хушиву хурсандӣ ва фаровонӣ оварад.

Бовар дорам, ки муносибатҳои тарафайни байни Қазоқистон ва Ӯзбекистон минбаъд низ дар шаклҳои дуҷониба ва бисёрҷанба инкишоф меёбанд.

Муҳтарам Шавкат Миромонович, аз имконияти фарорасида истифода бурда, ба Шумо саломатии мустаҳкам, дар кори масъулатон комёбиҳо, ба халқи бародари Ӯзбекистон сулҳу салоҳ ва шукуфоӣ орзу менамоям.

Бо эҳтиром,

**Нурсултон НАЗАРБОЕВ,**
**Нахустин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон – Елбаси**

***

### Ба Ҷаноби олӣ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев

Муҳтарам Шавкат Миромонович, бародари гиромии ман!

Аз он хушнудам, ки ба Шумо ва дар шахси Шумо ба тамоми халқи бародари Ӯзбекистон ба муносибати Ҷашни байналмилалии Наврӯз табрикоти самимӣ ва орзуву омоли беҳтарини фаровониву шукуфоиро ирсол медорам.

Ҷашни Наврӯз, ки рамзи сулҳу салоҳ, ҳамсоягии нек, якдилӣ ва ҳамоҳангӣ бо табиат мебошад, қосиди рӯзи нав, оғозҳои нав ба шумор меравад. Ин ҷашни зебо, ки ба сифати қисмати ҷудонопазири мероси ғановатманди фарҳангии тамоми инсоният эътироф шудааст, дар худ ғояҳои олии башардӯстиро таҷассум менамояд ва дар таҳкими дӯстиву ваҳдати байни халқҳо аҳамияти хоса дорад.

Бигузор, ин ҷашни хотирнишин барои Шумо ва тамоми мардуми бародари кишвари Шумо бахту саодат, хушиву хурсандӣ ва комёбиҳои нав оварад!

Бо эҳтироми амиқ,

**Гурбангулӣ БЕРДИМУҲАМЕДОВ,**
**Президенти Туркманистон**

***

### Ба Ҷаноби олӣ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Шумо ва кулли мардуми Ӯзбекистонро бо ҷашни дилпазири Наврӯз аз тахти дил муборакбод менамоям.

Наврӯз махсусияти шоиста дорад, ки ба инсоният меҳру мурувват, шукуфоӣ ва фаъолияти дурахшонро эҳдо менамояд. Бигузор, ин ҷашни зебову барои тамоми олами турк ягона бародарии кишварҳои моро беш аз пеш мустаҳкам кунад ва хурсандиву фаровонӣ оварад.

Муътақидам, ки ба шарофати саъю кӯшишҳои муштараки мо шарикии стратегии Қазоқистон ва Ӯзбекистон, ки ба дӯстии мустаҳкам ва ҳамсоягии нек асос мекунад, минбаъд низ ба манфиати халқҳоямон муттасил инкишоф хоҳад ёфт.

Муҳтарам Шавкат Миромонович, дар ин ҷашни зебо ба Шумо дар корҳои нек ва иқдомҳоятон барои ояндаи дурахшони кишвари Шумо комёбиҳо орзу менамоям, ба халқи кишвар шукуфоӣ ва фаровонӣ таманно дорам.

Бо эҳтиром,

**Қосим-Жомарт ТОҚАЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон**

***

### Ба Ҷаноби олӣ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Ба Шумо ва кулли мардуми бародари кишвари Шумо бо қаноатмандии бузург орзуву омоли беҳтарин ва муборакбодиҳои самимии худро ба муносибати фарорасии Ҷашни байналхалқии Наврӯз арза медорам.

Ҷашни Наврӯз ба сифати мероси умумии фарҳангии сокинони ҳавзаи он риштаҳои дӯстӣ, эҳтироми тарафайн, эътимод, ҳамдиливу ҳамкории байни онҳоро мустаҳкам карда, баҳри қаробати беш аз пеш қарини халқҳои бародари мо хидмат мекунад.

Муътақидам, ки мо минбаъд низ баҳри мунтазам амиқсозии муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории бисёрҷанбаи байни кишварҳоямон бо саъю кӯшиши муштарак кор мебарем.

Дар ин рӯзҳои зебои идона ба Шумо саломатии мустаҳкам, бахту саодат ва дар фаъолияти давлатиатон ба манфиати пешрафт ва шукуфоии минбаъдаи Ӯзбекистони бародар комёбиҳо орзу менамоям.

Бо эҳтиром,

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***

### Ба Ҷаноби олӣ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Аз номи халқи Қирғизистон ва шахсан аз номи худ Шумо ва мардуми бародари Ӯзбекистонро бо ҷашни Наврӯз аз тахти дил таҳният мегӯям.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ аз қадимулайём ба ин ҷашн эҳтироми бузург доштанд. Халқҳои мо бо орзуву омоли нек Наврӯз ин ҷашнро, ки таҷассуми тантанаи меҳнат, ягонагӣ ва ҳамдилӣ ба шумор меравад, истиқбол мегиранд.

Боварии амиқ дорам, ки ҳамкориҳои муфиди тарафайн ва шарикии стратегии байни Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба дӯстӣ ва ҳамсоягии нек такя мекунад, минбаъд низ муттасил ва мустақимона ба манфиати ду мамлакат инкишоф хоҳад ёфт.

Ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, саломатии мустаҳкам ва дар фаъолияти давлатиатон комёбиҳо, ба халқи бародари Ӯзбекистон бошад, фаровонҳоливу шукуфоӣ таманно дорам.

Бо эҳтиром,

**Сооронбай ЖЭЭНБЕКОВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон**

***

### Ба Ҷаноби олӣ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Ба муносибати ҷашни Наврӯз таманноҳои беҳтарини маро нисбат ба Шумо ва халқи кишвари Шумо аз номи худам ва аз номи мардуми Озарбойҷон қабул фармоед.

Ин ҷашни фархунда, ки ба табиат пироҳани нав ва ҳусну таровати тоза мебахшад, мардумро ба корҳои нек ҳидоят менамояд.

Боварӣ дорам, ҷашни баҳорӣ ба халқҳоямон, ки ба анъанаҳои ғановатманди Наврӯз арҷ мегузоранд, кайфияти нек, хушиву хурсандӣ ва фаровонҳолӣ эҳдо менамояд.

Аз фурсат истифода бурда, ба Шумо саломатии мустаҳкам, дар корҳоятон комёбиҳо, ба мардуми бародари Ӯзбекистон сулҳу салоҳ ва фаровонҳолӣ орзу мекунам.

Бо эҳтиром,

**Илҳом АЛИЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон**

***

Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон **Ҳасан Руҳонӣ**, Президенти Фаластин **Маҳмуд Аббос** Шоҳи Арабистони Саудӣ **Салмон бин Абдулазиз Ал-Сауд** Шоҳзода, муовини раиси Шӯрои Вазирон, вазири мудофиаи Арабистони Саудӣ **Муҳаммад бин Салмон бин Абдулазиз Ал-Сауд** Ноиб-президент, Сарвазири Аморати Муттаҳидаи Араб, ҳокими аморати Дубай шайх **Муҳаммад бин Рошид Ол Мактум** Муовини Сарвазир, вазири корҳои дохилии Аморати Муттаҳидаи Араб шайх **Сайф бин Зоид Ол Наҳаён** низ муборакбодиҳои худро ирсол кардаанд.

Омадани номаҳои табрикӣ идома доранд.

# Дар бораи суҳбати телефонии Президенти Ӯзбекистон бо Нахустин Президенти Қазоқистон – Елбаси

***20 март мулоқоти телефонии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Нахустин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон – Елбаси Нурсултон Назарбоев баргузор шуд.***

Дар оғози суҳбат онҳо якдигар ва халқҳои бародари Ӯзбекистону Қазоқистонро бо фарорасии ҷашни баҳор, бедоршавӣ ва эҳёи табиат – Наврӯз самимона муборакбод карданд.

Махсус таъкид шуд, ки ин ҷашни зебо ифодаи қаробати маънавиву фарҳангии халқҳои мо ба шумор меравад, ки онҳоро аз қадимулайём риштаҳои эътимоди тарафайн, некҳамсоягӣ ва шарикӣ, ягонагии таърих, фарҳанг ва урфу одатҳо пайванд мекунанд.

Дастгирии пурра бинобар чораҳои қатъии ҳар ду мамлакат бобати пешгирии паҳншавии инфексияи коронавирус, ҳамчунин коҳиш додани таъсири манфии он ба рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ ва пешрафти замонавии муносибатҳои бисёрҷанбаи ӯзбекистониву қазоқистонӣ изҳор гардид.

Муҳимияти идома додани қаробати самарабахш ва ҳамкории қарини тарафайн дар сатҳи ҳукуматҳо қайд шуд.

Дар ҷараёни гуфтушунид ҳамчунин ҷиҳатҳои рӯзмарраи муносибатҳои дуҷониба баррасӣ гардиданд, бинобар масъалаҳои ҳамкории минтақавӣ ва рӯзномаи байналхалқӣ табодули афкор ба амал омад.

**ЎзА.**

Муносибат

# БАР ЗИДДИ ИН ОФАТ БОЯД ҲАМҶИҲАТ БОШЕМ

***Алҳол мо дар замоне умр ба сар мебарем, ки дарвозаҳои дунё ба рӯямон бозанд. Бо мурури вақт дунёро шинохта истодаем, дунё низ моро идрок менамояд, ба мо рӯйи эътибор мегардонад, мо дунёро, дунё моро меомӯзад.***
***Бале, муколама бо дунё баробари бартариҳо мушкилот низ дорад. Пандемияи коронавирус чанд моҳ аст, ки аҳли оламро ба ташвиш андохтааст. Он барои бани башар, аз ҷумла ӯзбекистониён, имтиҳон аст.***

Имрӯз ин инфексияи хавфнок ба беш аз 160 мамлакати дунё паҳн гардидааст. Беморони ба ин инфексия гирифторшуда дар сартосари олам беш аз 245 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор беш аз 8 ҳазор нафар фавтида, зиёда аз 81 ҳазор табобат шудаанд.

Дар кишвари мо қариб 6 ҳазор нафар дар ҳолати карантин қарор доранд. Бисёр чорабиниҳои эҳтиётӣ андешида мешаванд. Донишҷӯёни муассисаҳои таълими олӣ ба зодгоҳашон фиристода шуданд. Дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ таътили пеш аз мӯҳлат оғоз ёфт.

Таассуф, ки баъзеҳо аз ин ҳолат ба таҳлука афтода, дар ғами захира кардани хӯрокворӣ мебошанд. Дар бозорҳо баъзеҳо худсарона нархи ниворо боло мебардоранд, ки низ ҳолати номатлуб аст. Кас ғайриихтиёр ба андеша меравад: наход, ин худхоҳон ҳамин рӯзро интизор буданд? Дар бозорҳои мамлакат ҳолати дигар низ ба мушоҳида мерасад. Баъзе соҳибкорони баинсофу баимон халқро аз ҳисоби худ бо маҳсулоти хӯрокворӣ таъмин карда истодаанд. Аҳсант ба онҳо! Сарвари мамлакатамон ҳангоми мурочиат ба халқ бо ишора ба ин ҳолат гуфт: «Дар мамлакатамон захираи кофии хӯрокворӣ мавҷуд аст, аз ин рӯ, барои хавотиркашӣ асосе нест. Бар зидди ин балои ба сари халқ омада, бояд ҳамаамон ҳамҷиҳатона мубориза барем».

Воқеан, дар чунин вазъият хабар ва шарҳи нодуруст дар матбуот ноҳинҷориҳои зиёде дар пай дорад. Дар таътили иҷборӣ вақтро бо китобхонӣ ва тамошои намоиши филмҳои пурмазмун гузаронидани донишҷӯён судбахш аст.

Бубинед, дар чунин ҳолат низ дастгирии аҳолӣ дар мадди назари сарвари давлат қарор дорад. Ба халқ маълумоти дақиқу шаффоф дода мешавад. Ҳар рӯз тавассути матбуот вазир ё мутахассисони вазорати тандурустӣ вазъи ҷориро шарҳ медиҳанд.

Солҳои охир ба мушкилоти санитарию эпидемиологӣ рӯйи эътибор гардонда мешавад. Роҳбари давлат гуфт, ки дар ҳоли ҳозир дар кишварамон 2 беморхонаи сатҳи ҷумҳуриявӣ, 14-то беморхонаи касалиҳои сироятии вилоятӣ, 216-то муассисаи санитарию эпидемиологии минтақавӣ фаъолият доранд. Воқеан, тавре ки сарвари давлат таъкид намуд, тӯли 25 сол пойгоҳи моддию техникии соҳа аз назари эътибор дур афтода буд. Таҷҳизоти тиббӣ намерасид, лабораторияҳо вазъи ногувор доштанд. Хабар дар бораи таҳия шудани лоиҳае, ки ҳолати санитарию эпидемиологии ҷумҳуриро беҳ месозад, мутахассисони соҳаро хушнуд сохт.

Ин ҳам боиси тасаллии аҳолист, ки муассисаҳои тиббӣ ба режими кории фавқулодда гузаронида, санаторияю муолиҷагоҳҳо ба ҳолати карантин мутобиқ кунонида шудаанд. Воситаҳои ташхисгузорӣ омода, дорувориҳо кофӣ мебошанд. Барои ин аз буҷет маблағи зарурӣ ҷудо карда шудааст. Яъне, барои мубориза алайҳи коронавирус аз ҷониби ҳукумат чорабиниҳои зарурӣ андешида мешаванд. Мардуми доно ва заҳматписанди мо мушкилоти зиндагиро дар ҳама давру замон бо сабру таҳаммул пушти сар гузоштааст. Ин бор низ чунин хоҳад шуд.

**Маъмур АҲМЕДОВ,**
**шифокори касалиҳои сирояткунандаи Иттиҳодияи тиббии ноҳияи Қибрай.**

**Дар иловаи махсуси «Reiseguide»-и рӯзномаи бонуфузи ҳаррӯзаи «DieWelt»-и Олмон дар бораи потенсиали сайёҳии Ӯзбекистон таҳти сарлавҳаи «Хуш омадед ба Ӯзбекистон» маводи таҳлилӣ нашр шуд.**

# DieWelt: ХУШ ОМАДЕД БА ӮЗБЕКИСТОН

Дар он қайд карда мешавад, ки Ӯзбекистон яке аз зеботарин кишварҳои Осиёи Марказӣ бо таърихи қадима ва мероси бойи фарҳангӣ мебошад. Ҳудуди кишвар ба таври ҳайратангез дар худ водиҳои баландкӯҳ ва биёбонҳои гарм, маҷмӯаҳои бостонӣ ва таърихии мултимадании бо ёдгориҳои меъмории қадимӣ тавъам, инчунин мегаполисҳои замонавиро фаро мегиранд.

Нашрия қайд мекунад, ки сафар дар саросари кишвар ба сайёҳон натанҳо сайёҳати идрокӣ ба таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ ва шиносоӣ бо ҷойҳои ҷолиби диққати таърихии ба Рӯйхати мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО воридшуда, балки саёҳати ҷолиброро дар масири қадимаи Роҳи бузурги абрешим ваъда медиҳад.

Дар мавод маълумот дар бораи шароити нодири табииву иқлимии Ӯзбекистон, ки барои истироҳат ва сайёҳӣ имконияти хуб фароҳам меорад, оварда шудааст. Қайд карда мешавад, ки ҳар як минтақа метавонад аз имконоти табиии худ фахр кунад: қаторкӯҳҳои баланд, доманакӯҳҳои Помир ва Тёншон, кӯлҳои соф, дарёҳои пурғавғо ва чашмаҳои шифобахш.

Гуфта мешавад, ки дар кишвар намудҳои маъмултарини сайёҳӣ – шадид, зиёратӣ, этникӣ, деҳотӣ ва ғайра босуръат рушд меёбанд. Рӯз то рӯз хатсайрҳои нав ва марказҳои хизматрасонии сайёҳӣ сохта мешаванд.

«Экотуризм яке аз самтҳои маъмултарини соҳаи сайёҳӣ буда, Ӯзбекистон яке аз камтарин кишварҳои ҷаҳони дорои потенсиал ва имкониятҳои бузурги рушди он мебошад», – гуфта мешавад дар мақола. – Хусусиятҳои кишвар табиати гуногун, ҳайвоноти экзотикӣ, сарватҳои олами наботот ва манзараи зебои кӯҳ бо тазодҳои ҳайратангез мебошанд. Дар Ӯзбекистон барои ташкили экотурҳо ҷойҳои сершуморе мавҷуданд – ин боғҳо ва мамнӯъгоҳҳои миллӣ мебошанд».

Муаллифон ба фарҳанг ва анъанаҳои мардуми ӯзбек диққати махсус доданд. Аз ҷумла, таъкид шуд, ки фарҳанги ба худ хоси Ӯзбекистон, ки дар чорроҳаи тамаддунҳо арзи вуҷуд намудааст ва таърихи беш аз як ҳазорсола дорад, анъана ва урфу одатҳои мардумони дар қаламрави Ӯзбекистон муосир зиндагӣ мекардаро дар бар гирифтааст.

«Фарҳанги Ӯзбекистон фарҳанги пуртаъсири Осиёи Марказӣ аст, аммо ҳар як минтақаи Ӯзбекистон ҷилоҳои беназири худро дорад, ки дар либоси миллӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ хеле возеҳ зоҳир мешавад», қайд мекунад нашрия.

Ба мухлисони сайёҳии Олмон тавсия дода мешавад, ки дар ҷашнҳои беназири этникӣ иштирок карда, бо тамоми тароватҳои фарҳанги Ӯзбекистон шинос шаванд.

Ва дар ниҳоят, муаллифон дар бораи таомҳои миллии ғании Ӯзбекистон менависанд, ки баъзеи онҳо таърихи бисёрасрина доранд. Таъкид мегардад, ки фарҳанг ва анъанаи пухтани палави ӯзбекӣ дар соли 2016 ба Рӯйхати намояндагии мероси ғайримоддии фарҳангии инсоният дохил карда шудааст.

**АИ «Дунё»,**
*БЕРЛИН.*

**Бонги изтироб**

# БА ОБ ТУФ НАКУН, КИ ГУНОҲИ АЗИМ АСТ

## *ё худ чаро мо ин панди ниёгонро фаромӯш кардаем?*

### ҲАШАР БАРОИ ТОЗАГИВУ ОБОДӢ

Имрӯзҳо бо раҳнамоии Президент ва ташаббуси ҳокимони вилояту ноҳия ва шаҳрҳо ба ободии ҷӯю заҳбур ва обгурезҳо эътибори махсус дода мешавад. Мардуми худогоҳи ноҳияи Самарқанд низ бо сарварии раисони маҳаллаву деҳкада ва гузарҳо барои равонии оби соф дар ҷӯйҳо ҳиссагузор мегарданд. Ҳашар барпо карда, мардумро ба якдиливу ҳамфикрӣ даъват месозанд. Аниқтараш, Наврӯзро бо ободии манзилу макон ва шодобгардонии киштзору боғистонҳо пешвоз мегиранд. Зеро пештар бо роҳи ҳашар марказҳои деҳа, масҷиду чойхонаҳо бунёд менамуданд. Роҳу кӯпрукҳо месохтанд, ҷӯй мекananданд, бомҳои ҳамдигарро андова мекарданд. Алҳол, ки ҷӯйҳои сербар ба ҷӯйчаи хурдакак табдил ёфтааст, васеъгардонии он низ ҳашари мардумро тақозо мекунад. Ҳамаи ин хуб аст, аммо...

### ТАНҲО «БАКЛАШКА» НЕ...

Вақте ки ҷӯйкобӣ сар шуд, техникаи Идораи истифода аз роҳи ноҳияи Самарқанд ба кӯмаки ҳашарчиён шитофт. Зеро даҳҳо километр ҷӯйро танҳо бо қувваи даст обод кардан имконнопазир буд. Пеш аз ҷӯйканӣ ҳама гумон доштанд, ки аз даруни он садҳо халта баклашкаи холӣ мебароянд. Аммо гувоҳ шудем, ки дар қаъри ҷӯйҳо танҳо баклашка набуд. Аз он шиша, кӯллукҳои гуногунандозаи занону бачагон, ҳатто лозимиҳои тагпӯшӣ мебаромаданд, ки боиси нафрати ҳашарчиён мегардид. Техника зуд вайрон шуд.

– Ман ҷӯйтозакуниро кори савоб, амали хайр, зуд тамом мешавад, гуфта оям, ҳамаи ифлосиҳо дар зери он будааст. Дар даруни кабинаи трактор шарм доштам, – изҳор дошт тракторрон Хуршед Рӯзиев.

– Баъзеҳо ҷӯйро бо хоку лой пуру хурд намуда, замини ҳавлиашонро калонтар кардаанд. Дар соҳилаш дарахт коридаанд. Акнун он дарахтҳо ночор аз байн мераванд. Тарбурию сарбурӣ гуфтаанд, – гуфт мудири шуъбаи экология ва муҳити зисти ноҳияи Самарқанд Ҷавоҳир Хоҷаев.

Сарварони секторҳо, ҳокими ноҳияи Самарқанд Носир Мавлонов, прокурор Ҷавлон Санаев, сардори идораи корҳои дохилӣ Аминҷон Тошев, мудири шуъбаи маҳалла ва дастгирии оила Саид Мардонов ва масъулони дигар рӯзе даҳҳо маротиба ба сари ҷӯйҳо расида, аз вазъи кор хабардор мешуданд. Барои он ки оби ҷӯйҳо равон бошад, бо даҳҳо нафари шахсони бепарвову худписанд, ки болои ҷӯйро маҳкам карда, ҳатто хонаҳо сохтаанд, муросо карда намешуд. Аз ҳама бадаш, баъзе ноинсофҳо ҷӯйро ба партовгоҳи ҳаммому ташнобҳои худ табдил додаанд!

Вақте ки трактор аз ҷӯй хоку гил мекашид, ба белаш чизе бархӯрд. Он овоз диққати ҳамаро ба сӯйи худ кашид. Ҳама диданд, ки устухони яклухти ҷонваре аз қаъри ҷӯй боло мешуд, вай устухони хар буд...

Ин чӣ ноинсофиву бевиҷдонист! Яке мегуфт, ман медонам, ки баъзе нонкӯру нонзадаҳо ҳоҷатхонаашонро дар болои ҷӯй сохтаанд...

Аз Дарғоти Ҳазормехи таърихӣ, ки дар сарҳади маҳаллаҳои Гулбоғу Даштиобод ва Қавчинони болои ноҳия қарор дорад, панҷ рӯд сӯйи шаҳри Самарқанд ҷорӣ мешавад. Ва ҳамаи онҳо аз маҳаллаи Гулбоғ мегузаранд. Дил мехоҳад, ки чунин ҳашар ҳар сол баргузор гардад, то ки хонаву ҷӯйҳо тозаву обҳо мусаффо бошанд ва барои ободиву зебоӣ, сарсабзу ҳуррамии диёр хизмат кунанд.

**Озод ҲАМИДЗОДА,**
**раиси маҳаллаи Гулбоғи ноҳияи Самарқанд.**

**Бо роҳхати Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон**

# МАРДУМИ ҲАМДИЛУ ҲАМҚИСМАТЕМ

Мо дар сайёрае зисту зиндагӣ дорем, ки шоир онро ба сифати «анори Қува», ки метавон дар кафи як даст дошт, таърифу тавсиф намудааст. Замин, об, ҳаво, ҷангалу саҳро, кӯҳу биёбонамон ба ҳамдигар пайвастаанд. Решаашон як аст. Эҳсос гардидани латмаи шамоли як қитъа дар қитъаи дигар, асари ғубори аз қаъри баҳри Арал бархостаро аз тариқи Сибир дар боғҳои Ҷопон дидан далели ин пайвандӣ мебошад. Фарзанди инсон бояд ба Парвардигор шукронаҳои беадад гуфта, дар замин орому осуда, аҳлу тифоқ зиндагӣ кунад, фарзандонашро ба воя расонад, аз худ номи нек, амалҳои нек гузорад, бо корҳои пурсавоб имони худро пок нигоҳ дорад, дар рӯзҳои гарму сард ба якдигар ҳамдилу ҳамроҳ бошад.

Мо бисёр чизҳоро бохтем, ки «бартар аз дидори дӯстон» мебошанд. Ҳамчун пойгачиёни бетаҷриба ба ҷонибҳои гуногун асп рондем ва аз ин хаста нашудем. Хушбахтона, се сол муқаддам ин вазъият бо иродаи неки роҳбарони панҷ давлати ҳамдину ҳамсоя ба хубӣ тағйир ёфт. Дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсии панҷ кишвар даврони нав, айёми бедории нав оғоз гардид. Самараи хуби сиёсати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёевро бинобар ҳамсоягии нек, меҳру муҳаббат, пойдор сохтани муҳити эътимоди тарафайн, аз нав эҳё кардани робитаҳои маданӣ, илмӣ, иҷтимоиву сиёсие, ки аз имтиҳони солҳову асрҳо гузаштаанд, бо мазмуну муҳтавои нав саршор кардани онҳоро алҳол нафақат дар Ӯзбекистон, балки дар ҳаёти кишварҳои ҳамсоя низ метавон равшан эҳсос кард.





Ин неъмати бузургу илоҳии қисмат ба халқу миллатҳои гуногун, ба наслҳои имрӯзу фардо аст. Роҳи дигаре нест. Кӯҳҳои пурвиқореро, ки моро вобаста кардаанд, ҷою мавзеи қуллаҳои баландро дигаргун карда намешавад, маҷрои оби дарёҳоро наметавон дигар кард. Боди вазон мевазад, дарёи равон ҷорист. Суннатҳои маданиву маърифатӣ, милливу динии хоси Шарқи куҳанро наметавон тағйир дод, урфу одатҳоро наметавон дигар кард, анъанаҳои чандинҳазорсоларо наметавон бозсозӣ намуд. Фазилатҳое чун дӯстӣ, бародарӣ, ҳамсоягии нек, меҳру оқибат ҳамчун оби равон, бидуни шак, соҳили асливу қадимии худро меёбанд, монеаҳои сунъиро паси сар карда, ҷониби боғҳои некӯӣ мешитобанд. Ҳосили ин боғҳо ба тамаддуни нав, ба зинаи нави пешрафт асос мегарданд.

Мутаассифона, солҳои тӯлонӣ рӯйи ин ҳақиқати кул ва бузургро чангу ғубор гирифт. Ба дӯстӣ ва меҳру муруввате, ки дар осори бузургоне чун Алишери Навоӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абай, Махтумқулӣ, Чингиз Айтматов сурудаву сутуда шудаанд, соя афтод. Мо ба сухани якдигар камтар гӯш додем, дарк накардем, ки аз ҳамдигар, аз решаҳои таърихии худ, аз ҳуввиятҳоямон, ки ҳусну ҷилои тамаддуни ҷаҳонӣ мебошанд, дур мешавем, идрок карда бошем ҳам, ба онҳо эътиборе надодем.

Ҳангоми аз тирезаи самолёти «Боинг», ки аз бандаргоҳи байналмилалии «Тошканд» ҷониби Душанбе – пойтахти Тоҷикистони ҳамсоя парвоз кард, пиряххҳои ҳанӯз қадами инсон нарасида, силсилакӯҳҳои чун сурати аз ҷониби мусаввири моҳир кашидашуда зеборо бо меҳру ҳавас тамошо мекардам, чунин мулоҳизаҳо аз дилам гузаштанд.

Мо як гурӯҳ эҷодкорон бинобар таклифи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба тадбире, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Шоири халқии Ӯзбекистон, устод Эркин Воҳидов бахшида шудааст, ба сафар баромадем. Бояд гуфт, ки робитаҳои байналмилалии эҷодии иттифоқи нависандагони мо алҳол басо хуб ба роҳ монда шудаанд. Ҳамқаламони тоҷикистонӣ, қазоқистонӣ, қирғизистониамон солҳои охир як не, чандин бор ба кишварамон меҳмон шуданд. Дар навбати худ эҷодкорони ӯзбекистонӣ низ борҳо ба шаҳрҳои Душанбе, Бишкек, Ӯш, Алмаато, Нур-Султон сафар карданд. Чорабиниҳои бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти адиби дӯстдоштаи халқамон Мирзо Турсунзода, оқини маърифатпарвар Абай, Махтумқулӣ, Чингиз Айтматов хеле пурмазмун гузаштанд. Ноширонамон асарҳои ин адибони бузургро чоп мекунанд. Бо ташаббус ва иродаи неки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳҳое, ки дар онҳо пайи қадами бузургону ниёгонамон ҳастанд, аз нав кушода шуданд, монеаҳои сунъӣ бартараф гардиданд. Ба ҷойи «ситод»-ҳо дарвозаҳои дӯстӣ арзи вуҷуд карданд. Аъзои як оила, як авлод, ки солҳои дароз ба дидори якдигар нарасида, дар тӯю маъракаҳои ҳамдигар иштирок карда натавониста, аз дарди пазмонӣ, эҳсоси алам дилхун буданд, ҳамчунин дӯсту ёрон, устоду шогирдон ба дидори ҳам расиданд. Оё он лаҳзаҳои ба дидору васли якдигар расидани онҳоро дар ёд доред? Он замон гӯё сардии ба миён омада анҷом ёфта, рӯзҳои равшан, умедҳои нав, баҳори нав фаро расида буд. Ин лаҳзаҳоро бо сухан, бо кафкӯбӣ наметавон ифода кард, ин хурсандиҳоро метавон танҳо аз сиришки шодии ҷавонон, рақси шукронаи падару модароне, ки дар умри худ бори аввал мерақсиданд, идрок намуд.

Танҳо хешу ақрабо, одамони оддӣ не, балки аҳли маданияту санъат, шоиру нависандагон, арбобони кино ва театр, рассомону ҳофизон низ пазмони якдигар будаанд. Ин аст, ки имрӯз, дар замони озодии нав ҳар як тадбир, ҳар як вохӯрии дӯстона ба ҷашни бародарӣ, ба тантанаи аҳливу тифоқӣ табдил меёбад.

Истиқболи гарми мо аз ҷониби дӯстон – шоиру нависандагони тоҷикистонӣ низ аз ҷумлаи чунин чорабинии самимӣ буд.

Дар ҷамъомади илмиву адабие, ки дар Китобхонаи миллии муҳташами шаҳри Душанбе баргузор шуд, олими шинохта Муртазо Зайниддинзода маърӯза кард ва басо амиқ будани решаҳои иртиботи адабии шоиру нависандагони ӯзбеку тоҷикро махсус таъкид намуд. Мавсуф дар бораи эҷодкороне, ки барои ҳар ду халқи бародар қадрдону азиз мебошанд, ҳарф зад, номи беш аз сад нафар аҳли қаламро ба забон гирифт. Дар бораи нишоллои устод Садриддин Айнӣ, ки дар хонаи Ғафур Ғулом пухтааст, меҳру муҳаббати устод Мирзо Турсунзода нисбат ба халқи ӯзбек сухан низ рафт. Шоҳасарҳое, ки ба мероси маънавии ду адабиёт табдил ёфтаанд, зикр гардиданд. Дар чорабинӣ шеъри «Тоҷик бародаримга» («Ба бародари тоҷикам»)-и Шоири халқии Ӯзбекистон Эркин Воҳидов ба ду забон қироат шуд.

*Бар мардумони ҳамхон,*
*Ду халқи хешу ҳамсон,*
*Ҳаммазҳабу ҳамимон,*
*Фарзанд мо, бародар!*
*Якрешаему яктир,*
*Тяншанему Помир,*
*Аз лутфи бахту тақдир,*
*Якчанд мо, бародар!*

*Бар Берунӣ, ба Сино,*
*Бар Ҷомӣ – Пири танҳо,*
*Бар чун Навоӣ Мавло*
*Дилбанд мо, бародар!*

*Ширу шакари мо беш,*
*Нӯшина з-он ба мо неш,*
*Чун байти некандеш,*
*Пайванд мо, бародар...*

Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Низом Қосим, шоир Сайидалӣ Маъмур, олим Масрур Абдулло дар бораи хусусиятҳои ба худ хоси эҷодиёти шоири ӯзбек, тарҷумони бомаҳорат Эркин Воҳидов бо ҳиссу ҳаяҷони зиёд сухан гуфтанд. Донишҷӯён аз ғазалиёти Эркин Воҳидов намунаҳоро қироат карданд. Узви гурӯҳи мо шоир ва тарҷумон Паймон, ҳангоме ки шеърҳои Эркин Воҳидов ва Сироҷиддин Саййидро ба забони тоҷикӣ қироат кард, толор ба ваҷд омад.

Дар шаби назму наво, ки дар бинои Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ба вуқӯъ пайваст, муовини аввали раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, шоир Ато Мирхоҷа шеъри «Дӯстии абадӣ»-ашро хонд, сармуҳаррири рӯзномаи «Ӯзбекистон адабиёти ва санъати» шоир Салим Ашӯр шеърҳои нави ҳангоми сафар эҷодкардаи худ, аз ҷумла шеъри зеринро қироат кард:

*Лутф ба гуфтугӯ як,*
*Маслаку орзу як,*
*Иззату обрӯ як,*
*Нони ба суфра рӯ як,*
*Ӯзбеку тоҷиконро.*

*Созу таронаҳо як,*
*Козаву хонаҳо як,*
*Киштаву донаҳо як,*
*Ному нишонаҳо як,*
*Ӯзбеку тоҷиконро.*

*Манзилу роҳу кӯ як,*
*Ранг якеву рӯ як,*
*Боғ як, оби ҷӯ як,*
*Булбули нағмагӯ як,*
*Ӯзбеку тоҷиконро.*

*Бахт гувор бодо,*
*Бар хушӣ ёр бодо,*
*Пур бару бор бодо,*
*Мисли баҳор бодо,*
*Ӯзбеку тоҷиконро.*

Шеърхониро Паймон ва Ҳасан Ғоиб идома доданд. Сурудҳои ба забонҳои ӯзбекиву тоҷикӣ садодода собит намуданд, ки забон, дил, суруду оҳанг, изҳори меҳру муҳаббат ва орзуву ниятҳои ин ду халқ ба якдигар шабеҳу пайванд мебошанд. Суҳбатҳои мо бо мухлисону ҳаводорони рӯзномаву маҷаллаҳои «Ҷаҳон адабиёти», «Шарқ юлдузи», «Тафаккур», «Ёшлик», «Ӯзбекистон адабиёти ва санъати» басо мароқангез буданд.

Аз он ки ҳамкорону ҳампешаҳои тоҷикистонии мо як шумораи рӯзномаашон – «Адабиёт ва санъат»-ро ба эҷодкорони ӯзбекистонӣ бахшидаанд, сарамон ба осмон расид.

Рӯзи сеюми сафар моро ба шаҳри Норак ҳидоят карданд. Нерӯгоҳи барқи обии дар ин ҷо бунёдгардида бинобар шаҳомат ва иқтидори худ дар шумори беҳтарин чунин иншооти нодири ҷаҳон қарор дорад. Дар ҳуҷҷатҳои бахшида ба таърихи ин сохтмони бузург дӯстии халқҳо, иқтидори бемисли мардонагиву ҳамҷиҳатӣ ифода ёфтаанд. Сарбанди баландиаш сесад метр чандин миллиард метри мукааб обро нигоҳ медорад.

Дар китобхонаи нодири ин шаҳраки нурофарон дар қатори китобҳои бо соядаст супурдашудаи шоиру адибони маъруфи ҷаҳон мо, аз ҷумла, осори адибони ӯзбек Ҳамид Ғулом, Зулфия, Иброҳим Раҳим, Шуҳрат, Гулчеҳра Нуруллоева ва бисёр дигаронро дидем, ки низ бо соядаст туҳфа кардаанд. Ҳамсафари мо Хуршед Воҳидов ба китобхонаи мазкур китобҳои нави падари бузургвораш, устод Эркин Воҳидовро туҳфа намуд.

Ба Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Китобхонаи миллии ин кишвар дар Душанбе китобҳои зиёде, ки дар ширкати саҳҳомии табъу нашри «Шарқ», ҳамчунин таҳти рукни «Адиб ва ҷамъият» чоп шудаанд, эҳдо гардид.

Аз Душанбеи зебо ба Хуҷанди бостонӣ парвоз кардем. Дар ин ҷо моро дӯстони эҷодкорамон таҳти сарварии раиси шуъбаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар вилояти Суғд, Шоири халқии Тоҷикистон Аҳмадҷон Раҳматзод самимона истиқбол карданд, ба ду забон шеъру ғазалҳо қироат шуданд, барои интишори китобҳои нав нақшаҳо пешбинӣ гардиданд...

Ҳангоми бозгашт ба Ватан ҳамроҳи бародарони хуҷандӣ сатрҳои зерини шоир, Қаҳрамони Ӯзбекистон Эркин Воҳидовро тараннум мекардем:

*Макру нифоқи ағёр,*
*Бар дӯши мо бишуд бор.*
*Растем аз он, ба ду ёр*
*Монанд мо бародар!*

**Аҳмадҷон МЕЛИБОЕВ,**
**сармуҳаррири маҷаллаи «Ҷаҳон адабиёти».**
**Суратгир: Заур ДАХТЕ.**

*Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,*
*Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.*
*Мурғони ҳаво ҷумла бикарданд парвоз,*
*Мурғи дили ман аз қафаси танг баромад.*




*Бар чеҳраи гул насими Наврӯз хуш аст,*
*Дар саҳни чаман рӯйи дилафрӯз хуш аст.*
*Аз дай, ки гузашт ҳар чӣ гӯйӣ хуш нест,*
*Хуш бошу зи дай магӯ, ки имрӯз хуш аст.*

*(Умари ХАЙЁМ)*

# «СОЛНОМА»-И ҲАКИМ ТИРМИЗӢ

## *Агар соли муш дарояд...*

Донишмандони Аҷам ва ҳакимони Ҳинд ҷаҳонро бо айшу ишрат ва ранҷу машаққат, роҳат ва фароғат, меҳнат ва кулфат, фитна ва фасод, беморӣ ва тансиҳатӣ, гармӣ ва хунукӣ, серӣ ва гуруснагӣ... бисёр дидаву бо назари ибрат муносибат карда, ақл ва дониши худро ба фикр кардан сарф намуда, аз тағйир ёфтани замона дар ғафлат намонда, шабу рӯз офтобу моҳ ва ситораҳоро назорат карда, ҳар яки онҳо чӣ хосият доранд ва ба чӣ таъсир мерасонанд, таҷриба намуда, ҳар як солро ба ҷонваре нисбат додаанд ва аз таъсири онҳо чӣ зуҳур мешудааст, баён кардаанд: муш, бақар (гов), паланг, харгӯш, наҳанг, мор, асп, гӯсфанд, ҳамдуна (маймун), мурғ, саг, хук.

Ба ин пораи шеърӣ мутаваҷҷеҳ бошед:

*Мушу бақару палангу харгӯш шумор,*
*З-ин чор чу бигзарӣ, наҳанг ояду мор.*
*В-он гаҳ ба аспу гӯсфанд аст ҳисоб,*
*Ҳамдунаю мурғу сагу хук охири кор.*

**1. Агар соли муш дарояд**, зимистони он сол хуб мешавад, аммо дар тобистон бисёр борон борад, ба ҳайвонҳо соли нек шавад, ба дарвешҳо, ғарибҳо ва мардумон хуб бошад. Дар тарафи Шарқ некиҳо ва дар Ғарб фитна бисёр шавад... Ба подшоҳону бекҳо ташвиш бисёр шавад. Ҳоли савдогарон нек гардад, дар роҳ duздон бисёр шаванд, савдогарҳо дар хатар бошанд. Дар баъзе ҷойҳо вабо ояд. Зимистон дароз шавад, дар охири сол хавф ояд, дар байни сол муш бисёр шавад ва ба ғалла зарар расад, дар ин сол аз дуздон ва роҳзанҳо мардум дар тарс бошанд.

Фарзанде, ки дар аввали сол таваллуд шавад, зирак, хушрӯй ва зебо, хушфеъл ва давлатманд гардад, агар дар байни сол таваллуд шавад, бадкирдор, ҳиллагар ва ҳасадхӯр бошад, агар дар охири сол таваллуд шавад, дурӯғгӯй ва фиребгар бошад.

**2. Агар соли гов дарояд**, дар баъзе ҷойҳо дарди сар ва беморӣ бисёр шавад, зимистон кӯтоҳ, валекин сахт ояд. Ба меваҳо андак офат расад. Дар ҷаҳон фитна бисёр шавад ва ба подшоҳон ташвиш оварад, дар охири сол арзонӣ шавад ва дар мардум тинҷию осудагӣ бошад. Ва ҳар фарзанде, ки дар аввали сол таваллуд шавад, доно ва диндор, боандеша, аммо ба кори бегонагон бисёр машғул шавад. Дар байни сол таваллуд шавад, хубрӯй ва шодмон бошад. Дар охири сол таваллуд шавад, ғамнок ва парешонҳол гардад.

**3. Агар соли паланг дарояд**, дар байни подшоҳон фитна ва адоват бисёр бошад, ҷангу ҷадал ва хунрезӣ бисёр шавад, аз тарафи Ёрон зиддият бисёр шавад, ба чаҳорпоҳо ҳалокат бисёр расад. Дар кӯҳҳо даррандаҳо бисёр шаванд, ба дарёҳо ва завракҳо зарар бошад ва мева кам шавад, дар охири сол некӣ бисёр мегардад.

Фарзанде, ки дар аввали сол таваллуд шавад, далер, баҳодур, мард, хубрӯй ва ҳамеша бодавлат ва бузург бошад. Ва ҳар фарзанде, ки дар байни сол таваллуд шавад, кушодарӯй, хушхулқ ва ҳимматбаланд гардад. Ва ҳар фарзанде, ки дар охири сол таваллуд шавад, бадмизоҷ, бадахлоқ, танбал, бемурувват ва бадфеъл бошад.

**4. Агар соли харгӯш дарояд**, дар ин сол неъмат ва мева бисёр шавад. Зимистон хушк гузарад, дар тобистон заминҷунбӣ ва шамол бошад, дар баъзе ҷойҳо марг расад, хусусан, ба даррандаҳо бисёр офат ояд.

Ҳар фарзанде, ки дар аввали сол таваллуд шавад, шитобкор ва сабук, лекин молдор ва бой, бадфеъл ва бовафо бошад. Фарзанде, ки дар байни сол таваллуд шавад, хушхулқ ва хушфеъл бошад. Дар охири сол таваллуд шавад, сергап ва бевафо бошад.

**5. Соли наҳанг (моҳӣ) дарояд**, дар ин сол фитна ва фасод бошад, дар байни мардум адоват ва бадӣ бисёр бошад. Ба ҳайвонҳо ҳалокат расад. Зимистон дароз бошад ва дар байни подшоҳон ҷангу ҷадал бисёр шавад... Дар кӯҳу саҳро даррандаҳо бисёр шаванд, ба киштиҳо зарар расад, ҳосили ангур кам шавад.

Ҳар фарзанде, ки дар аввали сол таваллуд шавад, далер, ҷасуру нотарс ва хубрӯй, валекин ... бадфеъл бошад, ришу мӯяш тез сафед шавад. Агар дар байни сол таваллуд шавад, хуштабъ ва накӯкирдор бошад. Агар дар охири сол таваллуд шавад, бешарм ва беҳаё, тезкор ва чаққон бошад.

**6. Соли мор дарояд**, хушксолӣ шавад, агар зимистон сахт ояд, дарахту токро хунук занад, ғалла қимат шавад, байни мардум кинаю адоват бисёр шавад. Дар саҳро мор бисёр гардад.

Фарзанде, ки дар аввали сол таваллуд шавад, дурандеш, камсухан, хушфеъл ва хушгуфтор бошад. Агар дар байни сол таваллуд шавад, бадкирдор, бадхулқ бошад. Агар дар охири сол таваллуд шавад, беҳаё ва бевафо бошад.

**7. Агар соли асп дарояд**, дар байни подшоҳон ҷангу ҷидол... бисёр шавад.Тобистон ва зимистон миёна, яъне муътадил бошад. Мева ва дон бисёр гардад. Валекин ба ҳайвонҳо каме зарар расад. Зимистон дароз шавад, дарё ва киштиҳоро хуб бошад.

Фарзанде, ки дар аввали сол таваллуд шавад, заҳматкаш бошад, вале донишманд ва боҳикмат гардад. Суханаш ба подшоҳон писанд ояд ва мард бошад. Агар дар байни сол таваллуд шавад, хушфеъл ва хушрафтор гардад. Дар охири сол таваллуд шавад, бадахлоқ, ғамнок, дағал гардад.

**8. Агар соли гӯсфанд дарояд**, зимистон дароз ва сахт ояд. Ба дарёҳо, киштиҳо зарар бисёр бошад. Дар байни мардум беморӣ бисёр шавад, дар байни подшоҳон фитнаю ошӯб сар занад, валекин тез ором шавад. Дар байни халқ хайру эҳсон бисёр гардад.

Ҳар фарзанде, ки дар аввали сол таваллуд шавад, дӯстрӯ, беозор, давлатманд ва бо меҳру шафқат бошад. Дар охири сол таваллуд шавад, бадхулқ ва саркаш бошад.

(Давомаш дар саҳ.4).



Дар табақҳо мезанад неш,
Донаҳои сабзи гандум.
Боз омад, боз Наврӯз,
Рӯзатон хуш бод, мардум!

# ХИЁБОНИ УСТОДОН

Дар арафаи Иди Наврӯз дар саҳни кушоди мактаби рақами 27-уми ноҳияи Сӯх «Хиёбони устодон» барпо карда шуд. Акнун толибилмону муаллимон ва меҳмонони мактаб ҳар рӯз ҳангоми ба мактаб ворид шудан бо чеҳраҳои нуронии устодон – муаллимон, ки ҳама аз деҳаи Тӯл буда, тамоми умри худро ба кори таълиму тадрис бахшидаанд, рӯ ба рӯ меоянд ва гӯё аз онҳо фотиҳаи нек мегиранд. Дар сафи муаллимони варзида чун Бекназар Маъдуллоев, Ғуломҷон Юсуфов, Турдибой Додобоев, Эсаналӣ Деҳқонов ва дигарон, адибон – омӯзгорон Неъмати Суннатулло, Олимҷон Олимовҳо низ ҷой гирифтаанд, ки аз худ меросе барои ворисон гузоштаанд. Бояд гуфт, ки ин ҳама кори хайр маҳз бо ташаббус ва ташкилотчигии директори ҷавони боғайрат Акмалҷон Иргашев амалӣ гардид. Дар барпо намудани хиёбон ҳиссаи коргарону фаррошон, хизматчиён ва муаллимон хеле калон аст.

– Дар фурсати кӯтоҳ барпо кардани ин мавзеъ дар иҳотаи гулу гулзор ва арчаҳои сабзу хуррам кори осон набуд, – гуфт зимни суҳбат Акмалҷон Иргашев, – лекин туфайли ғайрату шуҷоат ва фидокории аҳли ҷамоа ин кори хайр дар арафаи Наврӯзи хуҷаста ба фарҷом расид ва ба шукӯҳу азамати мактабамон файз бахшид. Ҳамчунин, дар рӯ ба рӯйи хиёбон барои ниёгони бузургамон низ гулгаште бунёд гардид, ки онро гулгашти «Симоҳои бузург» номидем. Дар вақтҳои холӣ ва танаффус толибилмон дар ин хиёбону гулгаштҳо сайр карда аз ворисони муносиби онҳо будани худ фахр мекунанд.

Директори мактаб боз афзуд, ки чунин ободкориҳоро давом медиҳад ва гулгашти наверо иборат аз панду андарзҳои бузургони адабиёти тоҷик бунёд хоҳад кард. Оре, дар ҳаракат баракат ҳаст мегӯянд, ки ин беҳуда нест.

**Раҳимбердӣ ТОШМАТОВ.**
**Бахриддин ТОҶИДДИНОВ.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ВАСФИ БАҲОР, ГУЛУ НАВРӮЗ ДАР СУРУДАҲОИ ХАЛҚӢ

Инак, боз фасли баҳор омаду ба кӯҳу адир ва дашту даман гилеми сабза густурда шуд, дарахтон муғҷа бастанд. Баҳор бо нафаси руҳбахши худ рӯйи оламро зинат медиҳад.

Дар ҳамин айём мардуми кӯҳистон ба истиқболи иди баҳор – Наврӯзи оламафрӯз баромада, онро ботантана ид мекунанд. Агарчӣ яке аз хусусияти Наврӯз пухтани суманак аст, мардум, барилова, тӯдатӯда ба сайргоҳ мебароянд, суруду тарона мехонанд.

Агар ба намунаҳои фолкори халқи тоҷик назар андозем, мебинем, ки оҳанги ҷудоӣ, ғарибӣ, зулму истибдоди замон дар онҳо бештар акс ёфтаанд. Шоиру нависандагон барои ҷаззобиву марғубии забони тасвир дар асарҳояшон ба таври фаровон аз фолклор истифода мебаранд. Дар «Дохунда»-и Садриддин Айнӣ, «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ, «Шӯроб»-и Раҳим Ҷалил, «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим»-и Ӯрун Кӯҳзод ба ин манзара бисёр дучор меоем.

Модарон доира ба даст гирифта ҳангоми хондани суруду таронаҳоеро, ки дар онҳо лаҳзаҳои зиндагӣ, зебоиҳои баҳор, айёми гулу наврӯз инъикос ёфтаанд, месароянд.

Чунончи:

*Фасли Наврӯз асту гул бо оҳу вовайло гирифт,*
*Гул даруни парда буду домани саҳро гирифт.*
*Фасли Наврӯз асту гулҳо бо ҷамоли нозанин,*
*Баъди Наврӯз ҳар гиёҳе сар барорад аз замин.*

***

*Соли нав омад шод гардем,*
*Зи ғамҳои ҷаҳон озод гардем.*

Модарони деҳаи Ухми ноҳияи Фориш Бозоргул Назарова, Яхшигул Қазоқова, Шаҳригул Ниёзова, Ҳидоят Бекмуродова, Амонгул Маликова ва дигарон ин қабил суруду таронаҳои халқиро бо маҳорати хос месароянд. Бонувони дигар бо онҳо ҷӯр шуда, дар ҳавои суруд ва доира мерақсанд. Маҳфили аҷибе барпо мегардад. Дар ин лаҳзаҳо гӯё кӯҳу кӯҳтал, чашмаҳои ҷонбахш, боғҳои хуррам, хулоса, одаму олам аз таъсири сурудҳои модарон таскин меёбанд:

*Дар лаби оби равон,*
*Дидам аҷаб зеботар.*
*Дар сар кокули мушкин,*
*Дар миён тилло камар...*

***

*Додарҷонам қадаш манор,*
*Аз остинаш резад анор.*
*Хоҷаи Хизир шаванд ёр,*
*Ҷонам тасаддуқ сад ҳазор...*

***

*Шишта-шишта ӯй кардем,*
*Фасли баҳор тӯй кардем.*

***

*Додарҷонам бозургон*
*Шинад ба лаби дӯкон...*

Суруду таронаҳои халқӣ, ки бо мурури замон аз даҳон ба даҳон мегузаранд, ҷавононро ба ҳифзи оила, эҳтироми волидайн, эъзози пирон, дӯст доштани Ватан даъват менамоянд.

**Анорбой НАЗАРОВ.**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*



# МАСЪУЛИЯТРО БОЯД БАР ДӮШ ГИРЕМ

Ба деҳаи зебоманзари Нанай, ки дар доманаи кӯҳсор ҷой гирифтааст, нафаси баҳори нозанин мерасад. Аз дур қуллаҳои барфпӯш намудор, мардум ҳоло ба корҳои баҳорӣ, киштu кор, ниҳолшинонӣ, тозагию озодагӣ рӯ овардаанд.

Ҷамоаи мактаби рақами 44-уми деҳа низ бо як кайфияти баҳорӣ гирду атроф, синфхона, ҷӯйбор, кӯчаю боғи мактабро ба тартиб медоранд. Аз қадимулайём бобою момоёни мо баҳри сербориш омадани фасли баҳор, серҳосил шудани гандум ва дигар зироат оши худоӣ – суманак пухта, ба оилаҳои камтаъмин, серфарзанд, куҳансолон тақсим кардаанд. Мувофиқи ин анъана дар деҳаи мо бо сарварии модарони ботаҷриба таоми наврӯзӣ – суманак пухта шуд.

Мо – омӯзгорон аз «Соли рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ» эълон гардидани соли ҷорӣ мамнун ҳастем. Чунки рушди мамлакат ба мутахассисони пухтакор, соҳиби донишу таҷриба вобаста аст. Барои таълиму тарбия додани насли наврас ба зиммаи устодону омӯзгорон масъулияти калон гузошта шудааст. Президент дар Муроҷиатнома таъкид менамояд, ки пеш аз ҳама бояд худи омӯзгор бомаърифат, дорои дониши амиқ ва доимо дар ҷустуҷӯ бошад.

Таълим дар мактаби мо 11-сола буда, пурра ба забони тоҷикӣ аст, он 210 нафар хонанда дорад. Бо сарварии директори мактаб, Аълочии таълими халқ Муллобой Норматов ва ҷидду ҷаҳди муаллимони пешқадам Дилфуза Рӯзметова, Зулфия Норматова, Яйра Ҳайитметова ва дигарон таълиму тарбия хуб ба роҳ монда шудааст. Ҳаракат мекунем, ки ҳар як соати дарсро бо аёният, адабиёту анҷомҳои таълимӣ гузарем. Дар мактаб доир ба зодрӯз, ҳаёт ва фаъолияти бузургони хирад – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Навоӣ... зуд-зуд шабнишиниҳо баргузор мегарданд, то ҷавонон аз илму маърифати онҳо боз ҳам бештар баҳраманд гарданд. Инчунин, хонандагонро ба мусобиқаҳои варзишӣ ва озмунҳои фаннии ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳурӣ ҷалб менамоем. Дар озмуни ҷумҳуриявӣ хонандаи синфи 9-ум Рухшона Раҳматуллоева аз фанни информатика, хонандаи ҳамин синф Сарвар Рашидов ва хонандаи синфи 10-ум Дилшод Ҷӯрабоев аз фанни физика ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд.

Шароити мактаб бо дастгирии раиси деҳшӯро Шодмон Тошпӯлодов солҳои охир беҳтар мегардад. Дар мактаб ҳоло корҳои таъмир ҷараён дорад. Баробари муваффақиятҳо камбудиҳо низ бисёранд. Дар китобхона китобҳои бадеӣ ва дастурҳои методӣ ба забони тоҷикӣ хеле кам мебошанд.

Маърифатпарвари бузург Абдулло Авлонӣ дар «Гулистони туркӣ ё ахлоқ» таъкид мекунад, ки тараққӣ ва пешрафти кишвар, осудагӣ ва фаровонии ҳаёти мардум ба кори тарбия алоқаманд аст ва мегӯяд, ки «Тарбия барои мо масъалаи ҳаёт ё мамот, наҷот ё ҳалокат, саодат ё фалокат аст». Аз ин рӯ, мо, омӯзгорон масъулиятро бояд аз пештара бештар ба ӯҳда гирем.

**Ирода ЭРМАТОВА,**
**муаллимаи мактаби рақами 44-уми ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд.**

# МУШОИРАИ НАВРӮЗӢ

***Малик КАБИРОВ***

## *Сад гилеми махмалин дорад баҳор*

Аз ниёзи моҳи ҳут дар дил алам дорад баҳор,
Шиквaҳо аз ғам ба Наврӯзи Аҷам дорад баҳор.
Баҳри истиқболи Наврӯз аз адам омад хабар,
Сад гилеми махмалин андар ҳарам дорад баҳор.
Аз ҷафои фасли дай фарсуда буд дар ҳар қадам,
Нозу истиғно ба пайғоми карам дорад баҳор.
Мӯйи мушкинаш муанбар, рӯйи моҳаш гулфишон,
Бо лаби лаъли шакархо як санам дорад баҳор.
Бар ниёзи нозанинон, ғамзаи ширини гул,
Дар таҳаммул чун дили булбул қалам дорад баҳор.
Абри найсон, наргиси хандон, гули садбарги тар,
Хоки зархези Ватан зери қадам дорад баҳор.
Оламам бедор шуд аз ҳиммати боди сабо,
Ҷон, биё, паймонаи ҷонро рақам дорад баҳор.

## *Олам муаттар шуд*

Наврӯз шуд тарфи чаманҳо лолаву гул ҷо гирифт,
Омад баҳори хуррамӣ бар деҳи мо маъво гирифт.
Аз бӯйи гулҳои чаман олам муаттар шуд ҳаме,
Бингар насими гул ҳисори анбари соро гирифт.
Ҷоно, табиат аз дами хоби гарон бедор шуд,
Майлони дасти ишқи бобо домани момо гирифт.
Аз боди озорӣ шукуфта орази раънои гул,
Васфи гули рухро навои булбули шайдо гирифт.
Бар наргиси шаҳло кашида сурма дилбар к-аз фараш,
Бо сӯзи дил ҳар ошиқи рӯ домани саҳро гирифт.
Эй нозанинам, бо сафои зеби авроқи гулат,
Алҳол авҷи оташи ишқи дилам боло гирифт.
Дар мазраи Наврӯз нахли булвафо сабзидааст,
Мори ҷафои он санамро аз дили хоро гирифт.

***ХУСРАВ***

## *Бо кӯлвори сабз*

Инак, баҳор мерасад бо кӯлвори сабз,
Дар зеҳни хок медавад аз нав мадори сабз.

Ҳоло табиате, ки мо муштоқ будаем,
Аз баҳри дил кушода медорад канори сабз.

Деҳқон ба кишт меравад, испору ҷуфти ӯ
Ин хок нарм мекунад бо иқтидори сабз.

То ки ба қуллаи баланди орзу расем,
Ҳар дам баҳор медиҳад моро фишори сабз.

Аз дидаи хазон бувад ҳар лаҳзаи ту дур,
Чун барг орзу намоям рӯзгори сабз.

Бингар, табиат аз сари нав мешавад ҷавон,
Килк ибтидо кунад каломи навбаҳори сабз.

То ки расам ба дарки он маънои ҷовидон,
Ҳар вожа мебарад ба дӯши хеш бори сабз.

Инак, биё, ба ҳурмати ҳар лола дам занем,
Аз матни куллиёти дил, аз нангу ори сабз.

## *Хандида меояд баҳор*

Бо чеҳраи зебои худ хандида меояд баҳор,
Бар зеҳну бар андешаву бар дида меояд баҳор.

Аз қалбҳои ошиқон занги кудурат мебарад,
Бар бӯйи санҷид ин замон ғарқида меояд баҳор.

Аз илтифоти осмон он гуна дилхуш мешавад,
Ҳатто, ки ишқи тозае варзида меояд баҳор.

Зебоии ҳар лаҳзаро, ҳам файзи себи субҳро
Дар кӯлвори пургули худ чида меояд баҳор.

Дорад ба қалби ман тамос, оҳанги сайёдӣ кунад,
Девони борон дар бағал, болида меояд баҳор.

Як лаҳза борон медиҳад, як лаҳза хуршед оварад,
Зеро ки набзи хокро санҷида меояд баҳор.

(Идомаи мушоира дар саҳ.4).



***Бо чеҳраи зебои худ хандида меояд баҳор,***
***Бар зеҳну бар андешаву бар дида меояд баҳор.***

Абдулло СУБҲОН

# Дар чор сатр

Наврўзи нави ҷаҳон муборак бошад,
Лабханди гули ҷавон муборак бошад.
Дар пайравии хониши мурғони чаман,
Гулбонгзании ҷон муборак бошад.

***

Дар арш чу баҳр абри гардун ҷорист,
Дар шоҳраги лолаи тар хун ҷорист.
Шодоб зи муждаи баҳору Наврўз,
Дарёи дилам чу рўди Сайҳун ҷорист.

***

Наврўз расиду бар ҳама рўз омад,
Нураш ба ҷаҳони тира пирўз омад.
Бо сўзани барқу риштабorони баҳор,
Ин чевари пурҳунар чакандўз омад.

***

Наврўз савори аспи бод омадааст,
Бедордилу чеҳракушод омадааст.
Гул рўяду сабза аз дами ў, на-на,
Исонафасе хурраму шод омадааст.

***

Ба ҳар сў бингарам, рўйи ту пайдост,
Нигоҳу чашму абрўйи ту пайдост.
Раҳам гар бигзарад аз боғу гулшан,
Зи гулҳои чаман бўйи ту пайдост.

***

Чу мурғе, ки раҳо аз банд гардад,
Туро бинам дилам хурсанд гардад.
Чаро нешат надонам нўши ҷон аст,
Ба комам заҳр резӣ, қанд гардад.

***

Муҳаббатро забон ҳасту баён нест,
Аз он хушсўзтар оташ ба ҷон нест.
Гунаҳ бошад гар ишқу дўстдорӣ,
Гунаҳкоре чу мо дар ду ҷаҳон нест.

***

Шафтолуи пушти панҷара гул кардаст,
Дашту даману кўҳу дара гул кардаст.
Дар байни рама чу хирмани гул гўӣ,
Печида ба ҳам мўйи бара гул кардаст.

***

Наврўз расад, деҳаи худ ёд кунам,
Дилро ба хаёли кўдакӣ шод кунам.
Дар дашти фароху сабзи Сайҳун дар тохт,
То шом талошу баҳс бо бод кунам.

***

Бо омади Наврўз ҷавон шуд ин дил,
Бар олами кўдакӣ равон шуд ин дил.
Ҳарчанд бигуфтам, ки надав, меафтӣ,
Бар даст гирифта по давон шуд ин дил.

Муҳаммад ШОДӢ

# Гулафшон

Баҳорон асту хандонанд гулҳо,
Чу табъи мо шукуфонанд гулҳо.
Ду-се моҳи баҳори умркўтоҳ,
Шукуфон даври худ ронанд гулҳо.

***

Биё, Наврўз, дунёҳо дигар соз,
Хурўшу ҷўши дарёҳо дигар соз.
Шукуфон ин гули саҳроии ман,
Шукуфоии саҳроҳо дигар соз.

***

Табиат, ин қадар хушманзарӣ ту,
Ба гулҳо ҳамбару ҳамбистарӣ ту.
Наям ин ҷо, гумоне дар биҳиштам –
Маро аз ман куҷоҳо мебарӣ ту...

***

Баҳорон, аз ту ин сабзу тариҳо,
Раҳоварди ту ҳусну дилбариҳо.
Ту нозӣ бо гулу себаргаҳоят,
Ҳаменозанд бо ту гулпариҳо.

***

Назар дўзанд бар мо лолазорон,
Нигар, сўзанд бар мо лолазорон.
Чу мо чун арғувонҳоянд дилхун,
Ҷигарсўзанд бар мо лолазорон!

***

Ба боғи умри мо нашъунумў деҳ,
Гули уммеди моро рангу бў деҳ.
Сари болои мо то сабз бошад,
Худоё, рўи гарму оби рў деҳ.

***

Дилам хоҳад, ки эй абри баҳорӣ,
Ба болои сари мо нарм борӣ.
Баҳорон пеши рў то сабз монанд,
Намоӣ боғи дилро обёрӣ.

***

Нигар эй дил, шукуфоист дар ҷон,
Баҳорон пеши рўву сабз ҳар ҷон.
Арўси навбаҳорон аст мамнун,
Ки оби дидаи абр аст марҷон!

***

Зи гул омўз расми дилкушоӣ,
Зи гул омўз расми дилрабоӣ.
Дили худ во намояд, чун шукуфад,
Зи гул омўз расми дилнамоӣ!

***

Баҳорон ҷилваи гулҳост зебо,
Баҳорогўш манзилҳост зебо.
Зи хушгўии мурғони саҳархез,
Табассум бар лаби дилҳост зебо.

# БИЁ, НАВРЎЗИ ХУҶАСТАПАЙ, ХУШ ОМАДӢ!

(Тарона)

Биё, Наврўзи оламафрўз, хуш омадӣ!

Туро, туи хуҷастапайро пазмон шудам. Медонӣ, туро бори нахуст дар деҳаи кўҳиям – Эҷи биҳиштосо, ки дар шаддаи қаторкўҳи Нурато ба назарам мисли ёқут метобад, пешвоз гирифтаам. Чӣ завқе дошт он истиқбол! Бо омадани ту деҳа аз хоби зимистон бедор мешуд, пур аз савту садо мегардид. Ҳаёҳу ва ғиреви бачаҳо зиёд мешуд. Суруди "Баҳор омад" дар паси гўшҳо танин меандохт. Он ҳама завқро ту дар дили мо ҷо карда будӣ. Бо омадани ту майсаҳо аз замин рўида ба гилеми сабзи густурда монанд мешуданд, гоҳо вақти пудиначинӣ рўйи майсаҳоят ғел мезадем, аз гулу алафҳоят гултоқӣ бофта ба сар мегузоштем, бойчечак, қоқу, гули хуршед нахустин гулҳои ту буданд... Наврўз, эй пайки баҳор! Ту бо худ селаи мурғони баҳориро меовардӣ, хониши кабкат ҳуши моро мерабуд, парасту дар айвони хонаамон лона мегузошт. Момоям парастуи туро мурғи биҳиштӣ мегуфт, вақте ба даҳони чўҷаҳояш ризқашонро медод, вай мегуфт: шумо ҳам чўҷачаҳои ман ва падару модари худ ҳастед. Бо ин сухани ў меҳрамон ба ў ва падару модарамон зиёд мешуд. Мо хурдсолон ба кабку парасту ва мусичаи ту дил баста будем.

Наврўз! Бо омадани ту рўзу шаб баробар мешуд, чашмаҳо чашм мекушоданд, рўди деҳа ба хониш медаромад. Гулҳои рўёндаи ту чӣ қадар зебо буданд, гулпаракҳоят зеботар аз онҳо. Мо, духтарон аз паси гулпаракҳо бо завқи беандоза медавидем, вале дошта наметавонистем...

Момоям зери партави офтоби заррини ту нишаста кашидаву қуроқдўзӣ мекард, кашидаҳояш сурати майсаву гулҳои туро доштанд. Ба мо дўхтан меомўхт. Пичакҳои алафине, ки модарам аз гиёҳҳои ту омода мекард, хеле гуворо буданд. Таъми онҳо дар даҳонам мондааст. Дунёи гирдгардон, имрўз фарзандону наберaҳоям дархост менамоянд, ки аз гиёҳҳо барояшон пичак пазам...

Ёд дорам, модарон ба истиқболи ту гандум рўёнда бо ниятҳои нек дар дегҳои калон то субҳ сурудхонон суманаки хушрангу ширадор мепухтанд. Мо, духтарон дар пайравии онҳо мерақсидем. Момои Ойбӣ таъкид мекард: ҳангоми кофтан нияти нек кунед, ки бабахту батахт хоҳед шуд. Наврўз, ту ба хонадонҳо нуру сафо, ба дилҳо меҳру вафо меовардӣ. Мардум ба истиқболи ту бо ниятҳои нек либоси нав ба бар мекард, хона метаконд, рў ба покию покшавӣ мениҳод, ба якдигар дўстӣ меварзид...Наврўз, ту ба тану дилҳо мадору зўри тоза мебахшӣ. Бо омаданат байни писарону мардони ҷавон сабқату зўрозмоиҳо сурат мегирифт, писарон бодпарак мепаронданд, бод онро ба баландиҳои осмон мебурд. Тамошои ин манзара ба пиру ҷавон завқ мебахшид.

Наврўз, ту сарчашмаи зебоиҳо. Аз нафаси ҷонбахшат дарахтони бодому зардолу ғарқи гул мешаванд, дарахтони дигар муғҷа баста барг мебароранд. Шукуфаҳои онҳо ба чашмҳо нур, ба дилҳо сурур мебахшанд... Манзараҳои нотакрори ту манбаи илҳоми шоирону рассомон ва нависандагонанд. Онҳо дар пайравӣ ба офаридаҳои ту ба даст қалам мегиранд.

Наврўз, ҳар боре, ки ту меоӣ ин сатрҳои шоир беихтиёр ба ёд мерасад:

*Магар бошад кабўтарвор рўзе,*
*Кушоям бол, сўйи ту занам пар.*
*Падарҷон, ҳавлиатро ёд кардам,*
*Куҷоӣ хонаи лоини модар...*

Наврўзи хуҷастапай ва хуҷастафол, биё, хуш омадӣ! Туро мисли пештара дар деҳ ва давраҳои хурд пешвоз намегиранд. Зеро ба номи қадимиат – "Наврўзи олам" сазовор гаштаӣ. Туро имрўз дар сартосари олам таҷлил менамоянд. Зеро ту ҷашни нуру сафо, меҳр, сулҳу оштӣ ва ҳамбастагии инсонҳоӣ.

**Саодат РЎЗИЕВА.**

ПАЙМОН

# Ду ғазал

*Бўйи баҳор, ёрон, бўйи баҳор омад,*
*Бар дари чашми пазмон рўйи баҳор омад.*

*Боз баҳор шуд дил, боз баҳор шуд тан,*
*Боз баҳор шуд ҷон, шодӣ қатор омад.*

*Арш тамом зебо, фарш тамом дебо,*
*Ҷумла ҷаҳон фиребо, гўӣ нигор омад.*

*Бода ба ҷомҳо шуд, бахт ба комҳо шуд,*
*Фурсати омҳо шуд, давлати ёр омад.*

*Пушта чу бўстону дашт чаманситон гашт,*
*Кўҳу кутал гулистон файзи диёр омад.*

*Аз ҳама сўй бар чашм, аз ҳама сўй бар гўш,*
*Сурати ёр омад, савти ҳазор омад.*

*Ҳамчу зи абри найсон, аз лабу килки Паймон,*
*Рехт сухан чӣ? Марҷон, табъи гувор омад.*

***

*Биё Наврўз, ало Исии беҳамто, биё Наврўз,*
*Ки гардад олам аз сар олами дилҳо, биё Наврўз.*

*Муҳаббатхона кун онро, пур аз афсона кун онро,*
*Беҳин як хона кун онро, ба сад эҳдо, биё Наврўз.*

*Ба найсон поккорӣ кун, зи кулли гард орӣ кун,*
*Ҳама шуғли баҳорӣ кун дар ин маъво, биё Наврўз.*

*Ҷаҳонполо бишав аз нав, замоноро бишав аз нав,*
*Равонафзо бишав аз нав, ҳама зебо, биё Наврўз.*

*Ба оби чашма маҷро деҳ, ба рўди кўҳ ово деҳ,*
*Ба дарёбор наҷво деҳ, пур аз эҳё, биё Наврўз.*

*Сафо бар рўзгор овар, наво бар боғзор овар,*
*Ливо бар кўҳсор овар, накўпиро, биё Наврўз.*

*Ба Паймон табъи тар бахшо, табу тоби дигар бахшо,*
*Каломе чун гуҳар бахшо, биё то мо, биё Наврўз.*



*Абрувони бонувон сабз,*
*Гесувони духтарон сабз,*
*Сабзгун аст оташи дег,*
*Ормони модарон сабз.*

**Суратлавҳаи Ҷ. ҚЎЗИМУРОДОВ (ЎзА).**

# «СОЛНОМА»-И ҲАКИМ ТИРМИЗӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

**9. Агар соли маймун дарояд**, дар байни мардум ҳилаву найранг, ҳарзагўӣ ва duздӣ зиёд мешавад. Зулму ситам ва хиёнат ба амал меояд. Байни ҳайвонҳо: асп ва шутур офат зиёда шуда, зимистонаш кўтоҳ, валекин сардӣ зиёд мешавад. Байни солхўрдаҳо меҳру шафқат кам шуда, нисбати раият ситам зиёд шавад.

Ҳар фарзанде, ки дар аввали сол таваллуд шавад, бадрўй шавад, лекин шоду хуррам ва хушу хандон ва хушфеъл бошад. Агар фарзанд дар байни сол таваллуд шавад, ҳасадгўй ва давлатманд гардад. Агар дар охири сол таваллуд шавад, бадфеъл, бевафо ва бевиқор мешавад.

**10. Агар соли мурғ дарояд**, дар ин сол хастагӣ зиёд шавад. Ҳосили зироат бисёр, меҳр-шафқат байни мардум зиёд шуда, вазъи ҳамли занон осон гардад. Аксарият духтар таваллуд шавад. Зимистонаш дароз ояд ва сардӣ камтар шавад. Байни подшоҳон сулҳу салоҳ ва адолат барқарор ва вазъи савдогар бисёр хуб гардад.

Ҳар фарзанде, ки дар аввали сол таваллуд шавад, зебо, хушфеъл, зирак ва хоксор гардад. Агар фарзанд дар байни сол таваллуд шавад, бадхулқ ва мардумозор бошад, аммо агар дар охири сол таваллуд шавад, саховатпеша, меҳмондўст, нек ва ботаммул бошад.

**11. Агар соли саг дарояд**, нарху наво қимат шавад, зимистонаш дароз ва сард шуда, дар баъзе мавзеъҳо вабо ва беморӣ паҳн гардад. Дар байни подшоҳон фитна ва мубориза бархезад. Байни мардум duздӣ, золимӣ ва авбошӣ авҷ гирад.

Ҳар фарзанде, ки дар аввали ин сол таваллуд мешавад, бадфеъл, бадхў ва суханчин, ҳарис ва чашмгурусна бошад. Дар байни сол таваллуд шавад, зирак, доно ва ҷангҷўй бошад. Агар фарзанд дар охири сол таваллуд шавад, далер, мард ва қаноатманд гардад.

**12. Агар соли хук дарояд**, байни солхўрдагон беморӣ зиёд гардад. Миёни подшоҳон хилоф, фитна ва муҳорибаҳо зиёд шавад. Гандум қимат шуда, миёни одамон бодиянишинӣ, хавфу хатар, дуздиву роҳзаниву золимӣ зиёд гардад. Зимистонаш барвақт омада, дарозмуддат шавад. Ба гўсфандон офат ояд.

Ҳар фарзанде, ки дар аввали ин сол таваллуд шавад, худрой, худписанд ва худбин бошад. Агар дар байни сол таваллуд шавад фиребгар, дар охири сол таваллуд шавад, бадтабъ ва ҳарис, ноором бошад ва ба сафар бaромаданро зиёд дўст дорад.

Тарҷумаи **Асрориддин САМИЕВ**,
**устоди Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

# БА ҲАР ХОНАВУ ДАР МЕҲМОН ШАВ!



Дар арафаи иди Наврўз ба вилояти Қашқадарё сафар намудам. Вилоятро тамошо кардам. Ҳувайдост, ки сол аз сол ободу зебо мегардад ва мардум низ аз ҳаёти орому пуросоиш ва рўзгори фаровон баҳра мебаранд. Аммо иди Наврўзи имсола ба як идда мушкилот рў ба рў гардидааст, ки ба далели пайдо шудани коронавирус рўи кор омадааст.

Дар яке аз маҳаллаҳои марбути ноҳияи Ғузор меҳмон будем. Субҳ дарвозаи ҳавлиро касе кўфт. Соҳибхона ба тарафи дарвоза рафт, то бидонад, ки дар ин субҳи босафо кӣ ба сўроғаш омадааст ва аз вай чӣ мехоҳад. Вале соҳибхона фавран ба ақиб баргашт ва ҳадаҳа ба ошхона даромада, як зарф дар даст дубора ба тарафи дарвозахона шитофт. Лаҳзае нагузашта бо лабони пуртабассум косаи пури суманакеро, ки буғаш мебаромад, болои дастархон оварда гузошт.

– Як арўси зебо бо писарбачаяке дар кўчаи мо суманак тақсим мекарданд. Ин аз суманаки онҳост. Ба ин суманак насибаи шумо низ кўш будааст, – гуфт бо ҳамон чеҳраи кушод соҳибхона Салоҳуддин Эркаев.

– Дасти пазандаҳо ҳаргиз дард набинад. Ҳамон арўс низ аз бахту саодат ҳамеша бархурдор бошад, – гуфта дуо кард модари Салоҳуддин – момои Хурсаной. Ҳама аз паси ў даст ба рўй кашидем.

Момои Хурсаной Эркаева 82 сол дорад. Ў соҳиби 12 фарзанд ва набераву абераҳои зиёд мебошад. Ба гуфтаи ин момо, 14 фарзанд таваллуд кардааст, аммо аз онҳо 2 нафарашон ҳоло дар қайди ҳаёт нестанд. Момо ҳанўз бақуввату чолок аст. Вай қошуқҳоро аз дасти келинаш гирифта ба ҳар кадоми мо дароз кард. Сонӣ худаш "Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Ҳамаамонро боз ба иду маросимҳои наврўзӣ расонад!" гуфту ба суманаки косаи рўи дастархон қошуқашро ғутонд.

Мо низ пешу ақиб аз суманаки коса нўши ҷон кардем. Дарвоқеъ, суманак хеле ширин буд.

Ба гуфтаи момои Хурсаной онҳо ҳар сол иди Наврўзро ба таври шоиста таҷлил мекарданд. Имсол низ ба ин ид ба таври хос омодагӣ гирифтаанд.

– Имрўз як гурўҳ занону духтарони кўчаи Шўртан суманак мепазанд. Ин маҳаллаи нави ҷамоати шаҳрвандони мо мебошад. Дар ҷои себзори васеи собиқ панҷ сол муқаддам ҳавлиҳои намунавӣ сохтанд. Ба он аз чаҳор самти ноҳияамон оилаҳо кўчида омаданд, – мегўяд момо.

Мардуми Қашқадарё мисли мардуми минтақаҳои дигар ҳар сол дар арафаи иди Наврўз ҳашарҳои умумихалқӣ баргузор мекунанд. Дар он одамони зиёд дастҷамъона ширкат меварзанд. Мардҳо ба тоза кардани гирду атроф, ободонӣ, кандани ҷўйбор, сафед кардани бехи ниҳолҳо, девору иҳотаи ҳавлиҳо, ниҳолшинонӣ, ба кишт омода кардани замин ва амсоли он машғул мешаванд, занҳо ба сариштаву саранҷом намудани хона, шамол додани кўрпаву бистарҳо, шустани қолинҳо мепардозанд.

Дар минтақаҳои ҷануб баҳор нисбатан зудтар фаро мерасад. Момо мегўяд, бубинед, ки дар чаҳор тараф сабзаҳо дамидаву киштзори гандум майса задааст. Мардум аз омадани фасли баҳор ва иди Наврўз хушҳоланд ва шукр мегузоранд, ки ба як баҳору Наврўзи дигар расидаанд.

– Чун анъана, аллакай дар хонаводаҳои зиёд тараддудҳои васеи наврўзӣ шурўъ мешуданд ва оҳиста-оҳиста домани он васеътар гаштаву мардуми зиёдро фаро мегирифт. Иди Наврўз бо суфраҳои хос ва хўрданиву ғизоҳои гуногун ва хуштамъ аз иду маросимҳои дигари миллӣ фарқ мекунад. Аммо имсол дар майсазорон, доманаҳои кўҳу пушта аз ташкили рақсу таронахонӣ, завқу шавқ ва пиёда кардани тантанаҳои наврўзӣ, бузкашиву бозиҳои дигари варзишӣ сарфи назар хоҳанд шуд, – мегўяд бо таассуф сокини кўчаи Шўртани ноҳияи Ғузор Раҳимахон Аллабердиева. – Бо суботу оромӣ мо иди Наврўзро дар ҳавлӣ таҷлил мекунем. Падару модар, падарарўсу модарарўси худро ба атрофи дастурхони идонaамон мехонем. Худо хоҳад, иду маросимҳои зиёд дар пешанд.

Зимни тамошои растаҳои бозори деҳқонии ноҳия маълум шуд, ки одамони зиёд ба ваҳму воҳима печида нашудаанд. Дар ин бозор кас метавонад анвоъи мухталифро бо ҳамон нархи навои пештара ё ҳадди ақал каме гаронтар пайдо кунад. Дар як тарафи ин бозор занҳо ба фурўши неъмати бебаҳои наврўзӣ – суманак машғул буданд.

Мегўянд, ки дар яке аз бозорҳои вилояти Қашқадарё тоҷирон аз вазъият сўистифода намуда, ҳар як кило картошкаро ба ҷои сеюнимҳазорӣ – ҳафтуним, ҳатто ҳашт ҳазорсўмӣ фурўхтаанд. Ҳамон замон дастандаркорони ҳокимияти вилоят ва идораҳои марбута омадаанду ду мошин картошкаро мусодира намудаанд. Баъд панҷкилогӣ ба мардум ройгон тақсим кардаанд. Ин низ яке аз иқдомоте арзёбӣ гардид, ки ба хотири пешгирӣ аз боло рафтани нархи навои маҳсулоти мавриди ниёзи мардум сурат гирифтааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**

*Тошканд – Қаршӣ – Ғузор.*

# «ТЕШИКТОШ ДАР КУҶО БОШАД?»

Деҳаи Бешкони ноҳияи Ургут табиати дилрабо дорад. Доманаҳои сарсабз, чашмаҳои мусаффо, кўҳҳои барфпўшу пурвиқор онро назаррабо кардаанд. Дар ҳамин деҳаву ин табиати хушманзара ҷашни Наврўз ба сайри ҳақиқӣ мубаддал шуд.

Мардуми деҳаҳои Бешкон, Қаротеппа, Вағаштӣ, Халқобод аз субҳи барвақт «Тешиктош дар куҷо бошад?» гўён ба роҳ баромаданд. Доманаи талу теппаҳо идона зинат ёфта, бо мақсади ба маркази сайёҳӣ табдил додани мавзеъ хаймаю хиргаҳҳои зиёд устувор карда шуда буданд. Дарахтони мевадори доманаи талҳо шукуфтаанд. Аз ҷониби аҳли кўдакистону мактабҳо, фаъолони деҳа таомҳои миллӣ ва намоиши маҳсулоти ҳунармандӣ таҳия шуданд, донишомўзони мактаби санъат ва мусиқии бачагон бо оҳангу таронаҳои дилангези худ ба ид шукўҳи тоза бахшиданд. Дар як гўша паҳлавонҳо гўштӣ мегирифтанд, дар ҷойи дигар аспсаворон ба мусобиқа омодагӣ медиданд. Бешубҳа, ин айём бе суманак намегузарад. Шогирдони мактаби таълими умумии рақами 44-уми деҳаи Бешкон тамоми шаб бо ҳар гуна бозию тамошо суманак пухта, дар рўзи ҷашн ин неъматро ба мардум пешкаш карданд. Гурўҳи дигар дар дегҳои калон оши палав омода намуданд.

– Ҳар сол дар ин ҷо бо аҳли деҳа барпо кардани ҷашни Наврўз одат шудааст, – гуфт омўзгори фанни таърих Беҳрўз Фозилов. – Имсол ид шукўҳи хоса дорад, дар мавзеи мо онро бо миқёси калон ҷашн мегиранд. Аз маскани Тешиктош осори таърихии садаҳои V-VI пеш аз милод ёфт шудаанд. Ҳоло таърихшиносон ин мавзеъро боз амиқтар меомўзанд. Наврўз таърихи тўлонӣ дорад, аҷаб нест, ки сокинони ин маҳал садсолаҳо пеш низ онро бо чунин шукўҳу шаҳомат ҷашн мегирифтанд.

Бадеҳагўию сурудхонии духтарон, саломгўйии арўсон, ороиши баҳории доманаи талу теппа ба дилҳо рўҳияи идона ато намуд. Раҳо кардани пуфакҳои ҳавоӣ аз ҷониби хурдсолон ба мардум тухфаи ҳақиқӣ шуд.

**Б. ЗЕБО.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*


*Овози тоҷик*

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

**Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**

***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.

ISSN 2010-7757

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-335. Адади нашр 1178, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тўхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.